ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ғафурзода Гулзода Маҳкам дар мавзуи «Хусусиятҳои адабӣ-бадеии ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст.

Дар адабиёти муосири тоҷик Алӣ Бобоҷон чеҳраи шинохтаи адабӣ ба шумор меравад. Ин шуҳрат ва маъруфиятро ба ӯ осори гуногунжанри ба бачаҳо эҷодкардааш фароҳам овардааст. Адиб ба ин маъно, саҳми арзандаеро дар рушди адабиёти бачагонаи тоҷик гузоштааст.

Алӣ Бобоҷон дар эҷодиёти худ мавзуъҳои дархури замонро пайгирӣ намуда, дар онҳо ғояҳои меҳнатдӯстӣ, инсонгароӣ, донишомӯзӣ, покӣ, хушахлоқӣ, саҳархезӣ, эҳтироми калосолон ва монанди инҳоро тарғиб намудааст.

Дар бораи зиндагӣ ва осори Алӣ Бобоҷон адабиётшиносон ва мухлисони эҷодиёташ назарҳои хешро иброз дошта бошанд ҳам, ягон пажуҳиши монографӣ аз ҷониби онҳо дар ин хусус таълиф нашудааст. Таҳқиқоти монографии Ғафурзода Гулзода Маҳкам дар ин бора айни муддао буда, дар шинохт ва маърифати шахсияти эҷодӣ ва осори ғановатманди Алӣ Бобоҷон шароит фароҳам меорад. Ин ин албатта, ба мубрамии мавзуи таҳқиқот ишорат мекунад.

Мутолиаи автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки таҳқиқот аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Диссертант дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши онро баррасӣ намуда, дар идома нуктаҳои дигари ин қисмати таҳқиқотро пайдарпай шарҳу тавзеҳ додааст. Дар қисмати ососии таҳқиқот диссертант бобҳо ва фаслҳои таҳқиқотро тибқи муқаррарот баррасӣ кардааст.

Аз ҷумла, дар боби аввал “Зиндагинома ва мероси адабии Алӣ Бобоҷон”-ро таҳқиқ кардааст. Дар боби дуюм, “Мавзуъ, жанр ва устухонбандии ашъори Алӣ Бобоҷон”-ро баррасӣ намудааст ва дар боби сеюм “Вижагиҳои сохторию бадеии ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон”-ро бо далелҳо нишон додааст. Диссертант дастовард ва натиҷагириҳои худро аз таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 банди мушаххас хулосабарӣ кардааст, ки ба арзиши пажуҳиш ишорати возеҳ дорад.

Дар охири автореферат аннотатсия оварда шудааст, ки он бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ буда, муҳассаноти таҳқиқотро равшан

месозад. Забони таълифи автореферати диссертатсия фасеҳ, фаҳмо буда, андешаҳо бо далелҳо ва муҳокимарониҳои амиқ зинат ёфтаанд.

Дар баробари муваффақият дар матни автореферат баъзе камбудиҳо низ ба чашм расиданд, ки таъкиди онҳо барои беҳбудии корҳои баъдии диссертант муфид хоҳад буд:

- Хуб, мебуд, ки барои нишон додани басомади авзони ашъори Алӣ Бобоҷон ҷадвал сохта мешуд.
- Дар саҳифаҳои ҷудогонаи автореферат ғалаҳои китобат, техникӣ дида мешавад.

Эродҳои мазкур ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши таҳқиқотро кам намекунанд ва онҳо ҷузъию ислоҳпазиранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ғафурзода Гулзода Маҳкам дар мавзуи «Хусусиятҳои адабӣ-бадеии ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор аст.

Муқарриз:
Доктори илмҳои филологӣ, и.в. профессори
кафедраи адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ашурова Нодира
Ҷумаевна

31.03.2026

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, маҳ. Ориёно 2 /28
Тел: (+992) 918133849
Имзои Ашурова Н.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов М.А.
31.03.2026

РАЁСАТИ КАДРҲО КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, маҳ. С.Сафров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: +992 (3322) 2-35-06;
E-mail: info@kgu.tj